«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
доктори илмҳои таърих,
профессор Ибодуллозода А.И.
_______________________
«__» ________05________ 2022с.

# ХУЛОСАИ

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Шарифзода Наргис Достӣ дар мавзӯи «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия, (13.00.06.01 – Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ)

Рисолаи илмии Шарифзода Наргис Достӣ дар мавзӯи «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ» дар кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ ва кафедраи назария ва методикаи тарбияи томактабии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба анҷом расидааст.

Мавзӯи рисолаи илмии Шарифзода Наргис Достӣ дар мавзӯи «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ» бо қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 28 декабри соли 2018, №6/9.2 тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмии Шарифзода Наргис Достӣ доктори илмҳои педагогӣ, профессор Иматзода Лутфия Маҳмадулло таъин гардидааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои минимум таҳти №742 аз 19.05.2022 аз ҷониби Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дода шудааст.

Унвонҷӯ Шарифзода Наргис Достӣ соли 1993 факултети забон ва адабиёти руси Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Кӯлобро бо ихтисоси забон ва адабиёти рус дар мактаби миллӣ (дипломи аъло) ва соли 2015 факултети таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро бо ихтисоси педагогика ва психологияи томактабӣ (дипломи аъло) хатм намудааст.

Дар давоми омодасозии диссертатсия Шарифзода Наргис Достӣ унвонҷӯи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ буда, солҳои 1996-2018 дар вазифаи мудири ширхоргоҳ-кӯдакистони №№17, 104 ва 45-и шаҳри Душанбе фаъолияти пурсамар намудааст. Моҳи марти соли 2018 ба вазифаи Сардори Раёсати кор бо занон ва оилаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе таъин гардидааст. Минбаъд, аз 19 июни соли 2020 то имрӯз дар вазифаи муовини Раиси ноҳияи Исмоилии Сомонии шаҳри Душанбе фаъолият менамояд.

Рисолаи илмии Шарифзода Наргис Достӣ «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ» дар маҷлиси якҷояи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ ва кафедраи назария ва методикаи тарбияи томактабии факултети таҳсилоти томактабӣ (Суратҷаласа аз 24.05.2022с.,№6) муҳокима гардида, барои баррасӣ ба ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети таҳсилоти томактабӣ пешниҳод гардидаст. (Суратҷаласа аз 27.05.2022с., №5).

Аз рӯи натиҷаҳои муҳокимаи рисолаи илмии Шарифзода Наргис Достӣ дар мавзӯи «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ» чунин хулоса карда шуд:

Диссертатсия ба омӯзиши ташаккули заминаи дониш ва малакаҳои амалии тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ бахшида шудааст. Мубрамияти таҳқиқот бо он муайян мегардад, ки масъалаи саломатии кӯдакони синни томактабӣ ҳамеша дар маркази диққати мураббиёну волидон қарор дошта, муҳимияти он то имрӯз аз мадди назар дур намегардад, зеро тағирёбии шароити иҷтимоӣ на танҳо ба таҷдиди назар, балки ба фарқияти ҷиддии нуқтаи назари муассисаҳои гуногуни иҷтимоӣ оид ба ҳадафҳо ва мундариҷаи рушди ҷисмонӣ ва рӯҳии кӯдаки синни томактабӣ оварда расонид.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси талаботҳои амалигардонии Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020, Нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, нақшаи дурнамои кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ ва таҳсилоти томактабӣ барои солҳои 2017-2022 ва тадбиқи Стандарти таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди кори таълиму тарбиявӣ ба иҷро расидааст.

Тавре ки таҷриба нишон медиҳад ва таҳқиқоти педагогӣ тасдиқ мекунанд, волидон афзалияти муассисаи томактабиро дар ҳалли масъалаҳои таълимӣ эътироф мекунанд, аммо иштироки онҳоро дар раванди педагогӣ зарур намешуморанд. Мураббиён нақши оиларо кам қадр мекунанд ва саъй намекунанд, ки бо падару модарон дар бобати таълим ва тарбияи фарзанд дар ҳамкорӣ бошанд, бинобар ин онҳо фикру мулоҳизаҳоро дуруст ташкил намекунанд ва аз таъсири оила дар тарбияи кӯдак ба таври кофӣ истифода намебаранд.

Ҳамин тариқ, шароити объективии иҷтимоӣ зарурати таҳқиқоти мустақили педагогии роҳҳо ва шартҳои ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдаконро дар шароити ҳамкорӣ байни муассисаҳои томактабӣ ва оила ба вуҷуд меорад.

Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқоти мазкурро асарҳои илмию назариявии олимони хориҷ дар бораи назарияи тарбияи педагогии шахсият (А.С. Белкин, А.В. Запорожетс, Н.Я. Михайленко, А.В. Петровский), назарияи ташаккули тарзи ҳаёти солим (И.А. Аршавский, Н.М. Амосов, Н.Г. Веселов, М.Я. Виленский, Н.П. Дубинин, Ю.П. Лиситсин, В.П. Петренко), мафҳуми модели арзишӣ-иҷтимоии саломатӣ (Е.И.Овчаров), муқаррарот дар бораи сохтори муносибатҳои арзишӣ (Л.И. Рубинский) муайян намудаанд.

Масъалаҳои рушди ғояҳои фалсафӣ, педагогӣ, тиббӣ дар бораи арзиши саломатӣ ва роҳҳои ҳифзи он дар адабиёти илмӣ ба қадри кофӣ фаро гирифта нашудаанд. Равиши таблиғотӣ оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим дар асарҳои муҳаққиқони ватанӣ И.Х. Каримова, Д.Каримова, Н.Қосимова, Ш.Сафаров, Ф.Партоев, Б.Ашурова, Х.Раҳимзода, Л.А. Губанова ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор ёфтаанд.

Дар кори илмии Ш.А.Сафаров масъалаи ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагони хурдсол тавассути бозиҳои миллӣ тибқи талаботи педагогӣ омӯхта мешавад. Мушкилоти масъала ва технологияи ташаккули тарзи ҳаёти солим дар байни хонандагони интернатҳои махсус дар рисолаи Ф.Ш.Партоев баррасӣ гардидааст. Дар таҳқиқоти Д.Д. Каримова масъалаҳои ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо оид ба тарбияи ҷисмонӣ ва солимгардонӣ дар интернатҳои ёрирасон дида шудааст.

Навоварии илмии кор иборат аст аз:

- таҳқиқи мазмуни «асосҳои тарзи ҳаёти солим», ки ташаккули ғояҳои ибтидоиро дар бораи ҷисми инсон, омилҳои нигоҳдорӣ ва мустаҳкам намудани саломатӣ, мавҷудияти одатҳои тарзи ҳаёти солим, фаҳмидани вобастагии саломатии шахс аз вазъи муҳити зист иборат аст;

- коркарди модели ҳамкории педагогӣ «кӯдак - падару модар - мураббӣ» дар ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим мавриди озмоиш қарор додан;

- фароҳамоварии шароити педагогӣ барои ташаккули бомуваффақияти асосҳои тарзи ҳаёти солим дар муассисаи таълимии томактабӣ ва оила, истифодаи шаклҳои интерактивии муносибат байни иштирокчиёни раванди педагогӣ ва усулҳои таълими педагогӣ мавриди истифода қарор ёфт.

Аҳамияти амалии омӯзиш аз истифодаи маводи назариявӣ ва илмӣ-методӣ, ки дар кор оид ба ҳамкории муштараки оила ва муассисаи таълимии томактабӣ, ки дар раванди ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солими кӯдакони синни калони томактабӣ роҳандозӣ мегарданд, иборат мебошад. Инчунин, курси махсуси "Омодасозии мураббиёни оянда барои ташкили кор оид ба ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни томактабӣ" барои омодасозии донишҷӯёни факултаҳои таҳсилоти томактабии донишгоҳҳои омӯзгорӣ амалӣ карда мешавад. Барномаи пешниҳодшуда барои кормандони муассисаҳои таълимии томактабӣ дар системаи такмили ихтисоси мураббиёну мудирон истифода мешавад.

Муҳтавои диссертатсия дар шакли маърӯза дар конференсияҳои ҳарсолаи илмию назариявии ҳайати профессорону устодони донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Раёсати маорифи шаҳри Душанбе, Раёсати кор бо занон ва оилаи шаҳри Душанбе мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор гирифтааст.

Инчунин, аз рӯи мавзӯи рисолаи илмӣ ҷамъ 10 мақола, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳое, ки аз ҷониби КОА ФР ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шудаанд, чоп шудааст.

Таркиби рисолаи илмӣ аз муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт 187 номгӯй иборат буда, 161 саҳифаи компютериро фаро мегирад. Дар рисола 7 диаграмма ва 4 ҷадвал ҷой дода шудааст.

Дар муқаддима мубрамият, аҳамияти илмию амалии таҳқиқот асоснок карда шудааст, мақсаду вазифаҳо, объект, предмет ва мавзӯи таҳқиқот муайян карда шудаанд, фарзия ба таври дақиқ ва мухтасар ифода карда шудааст, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, методҳои тадқиқот нишон дода шудаанд, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада инъикос гардидаанд, масъалаҳои дар ҳимоя тасдиқшаванда баён гардидаанд.

Барои расидан ба ҳадафи таҳқиқот ва ҳаллу фасли масъалаҳои гузошташуда методҳои пажуҳишии зерин ба кор бурда шуданд: таҳлили назариявии адабиёти илмию методӣ; таҳқиқоти илмӣ; омӯзиши таҷрибаи

педагогӣ; методҳои ташхисӣ; методҳои таҷрибагузории педагогӣ; методҳои пурсиш, таҳлил ва мушоҳида.

Дар боби якум «Асосҳои назариявии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ» масъалаи асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули фарҳанги ҷисмонии инсон ҳамчун як қисми муҳими фарҳанги умумиҷаҳонӣ мавриди таҳлил қарор меёбад. Ягонагии ҷаҳонбинӣ, ҷузъҳои зеҳнӣ ва ҷисмонии фарҳанги ҷисмонии шахс бояд принсипи асосии ташаккули он гардад.

Дар ин боб таҳлили асосҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим дар адабиёти ватанию хориҷӣ аз нуқтаи назари педагогӣ, равонӣ, фалсафӣ ва тиббӣ дар бораи арзиши саломатӣ ва роҳҳои ҳифзи он зимни таҳлили адабиёти илмӣ ва методӣ мавриди баррасӣ қарор ёфтааст. Масъалаи ташаккули тарзи ҳаёти солим дар асарҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ аз ҷумла, Аршавский, Н.М. Амосов, Н.Г. Веселов, М.Я. Виленский, Н.П. Дубинин, Ю.П. Лиситсин, В.П. Петренко Губанова Л.А., Каримова Д.Д., Сафаров Ш.А., Қодиров Қ.М., Партоев Ф.Ш. дида баромада шудаанд.

Қайд мегардад, ки масъалаи тарбияи насли солим дар айни замон муҳимиятро пайдо намудааст, зеро бисёр омилҳо ба бад шудани саломатӣ, аз ҷумла муносибати нодурусти муассисаи таълимии томактабӣ ва оила ба нигоҳубини дуруст ва ҳифзи саломатии кӯдакон таъсир мерасонад. Масъалаи вазъи саломатии кӯдакони синни томактабӣ дар ҷумҳурӣ на танҳо мушкилоти тиббӣ, балки мушкилоти ҷиддии педагогӣ низ мебошад ва имрӯз ҳифзу таҳкими саломатии кӯдакон яке аз самтҳои афзалиятноки кӯдакистону оила маҳсуб меёбад.

Маълум аст, ки синну соли томактабӣ дар ташаккули пояҳои солимии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ аҳамияти муҳим дорад. Маҳз дар 7-соли аввали ҳаёт инкишофи пуршиддати узвҳо ва ташаккули системаҳои функсионалии бадан ба амал меояд, хислатҳои асосии шахсият гузошта мешаванд, муносибат ба худ ва дигарон ташаккул меёбад. Дар ин марҳила ташаккул додани заминаи дониш ва малакаҳои амалии тарзи ҳаёти солим, ниёзмандии бошуурона ба тарбияи мунтазами ҷисмонӣ ва варзиш хеле муҳим ҳисобида мешавад.

Боби дуюми рисола «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ» аз се фасл иборат мебошад. Дар он диссертант зимни баргузории ҷараёни таҳқиқот меъёрҳо ва сатҳи омодагии мураббиёнро барои татбиқи технологияи ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни томактабӣ мавриди озмоиш қарор додааст.

Дар рафти кор, ҳамчун як ҷанбаи нави мушкилот, хусусиятҳои ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони

томактабӣ баррасӣ намуда, барои ноил шудан ба ҳадафи гузошта методу усул ва методикаи ташхису ташкили системаи кори педагогӣ дар доираи масъалаи баррасишавандаро мавриди коркард қарор додааст.

Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни 5-7 сола муаяйн гардида, натиҷаҳои озмоиши таҳқиқотӣ бо нишондиҳандаҳои меъёр дар раванди назарпурсӣ, мусоҳиба, суҳбат ва таҳлили фаъолияти мураббиёну волидоне, дар таъмину нигоҳубини ҳифзи саломатии кӯдакони иштирок менамоянд, асоснок гардидаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми коркарди ҷанбаҳои педагогии баланд бардоштани самаранокии раванди кор дар самти ташаккули асосхои тарзи ҳаёти солим дар муассисаи томактабӣ ва оила истифода гардида, инчунин мавриди таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаи педагогика, психология, тиб ва сотсиология қарор гирад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар 14 мақолаю фишурда ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои байналмилалию ҷумҳуриявӣ инъикос ёфтаанд. Мақолаҳои зерини дар нашрияҳои илмии тақризшаванда чопнамудаи унвонҷӯй мазмуни рисоларо фаро мегиранд:

1. Шарипова Н.Д. Тарбияи экологии кӯдакони синни томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати кишвар. /Н.Шарипова [Фишурда] // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. 2018. № 4 (76). С.72-75. ISBN 2219-5408.
2. Шарипова Н.Д. Хусусиятҳои ташаккули тассавуроти кӯдакон дар бораи тарзи ҳаёти солим /Н.Шарипова [Фишурда] // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. 2019. № 2 (31). С.44-48.
3. Шарипова Н.Д. Роҳҳои босамари баландбардории сифати таълим тавассути ҷорисозии таҷрибаи пешқадами педагогӣ /Н.Шарипова [Фишурда] // Паёми Донишгоҳи миллӣ. 2019. № 10. Қ.2. С. 183-187.
ISBN 2074-1847 .
4. Шарифзода Н. Метод ва усулҳои мӯътадилсозии ҳолати эмотсионалӣ дар кӯдакон /Н.Шарифзода [Фишурда] //Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2020. № 1 (29). С.27-31. ISBN 2617-5620.
5. Шарифзода Н. Ташаккули лаёқат ва истеъдод дар кӯдакони синни томактабӣ. /Н.Шарифзода [Фишурда] //Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2022. №2 (38). С.96-103. ISBN 2617-5620.

Бо назардошти хулосаи муқарризон ва иштирокчиён ҷаласа қарор кард:

1. Рисолаи илмии Шарифзода Наргис Достӣ дар мавзӯи «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ» кории илмии мустақилона бaанҷомрасида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст, ҳисоб карда шавад.

2. Рисолаи илмии Шарифзода Наргис Достӣ дар мавзӯи «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ» ба талаботи КОА-и ҶТ, ба шифри 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия, (13.00.06.01 – Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) ҷавобгӯ мебошад.

3. Рисолаи илмии Шарифзода Наргис Достӣ дар мавзӯи «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ» барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D-КОА-030 назди Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ ва кафедраи назария ва методикаи тарбияи томактабии факултети таҳсилоти томактабӣ, суратҷаласа аз 24.05.2022с., №6 қабул шудааст.

Дар ҷаласа иштирок карданд - 16 нафар.

Қарор бо як овоз қабул шуд.

«Тарафдор» -16 нафар.

«Зид»- нест.

«Бетараф»-нест.

Мудири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ,
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ
н.и.п., дотсент З.Ҷ.Наимов

Мудири кафедраи назария ва методикаи
тарбияи томактабии факултети таҳсилоти
томактабӣ, н.и.п. Ҳ.Қаюмова

Котиби ҷаласа, н.и.п. Ф.Арбобова

Суроға: 734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ,121.
тел.моб. 918657194, суроғаи электронӣ: naimov_z@mail.ru
Сомонаи ДДОТ ба номи С.Айнӣ: www.tqpu.tj

Имзоҳои З.Ҷ.Наимов, Ҳ.Қаюмова, Ф.Арбобоваро тасдиқ мекунам
Сардори Раёсати кадр ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С.Айнӣ А.Мустафозода